**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**
**дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. -Адабиёти тоҷик**

Парвандаи аттестатсионии №______

**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 17 сентябри соли 2020**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматова Озодахон Анварҷоновна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 -Адабиёти тоҷик.

Диссертатсияи Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи “Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст (Протоколи №7 аз 23.04.2020).

Диссертант Раҳматова Озодахон Анварҷоновна, соли таваллудаш дуюми октябри 1986, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои ҲХДТ, оиладор.

Соли 2004 ба факултети филологияи тоҷики ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров дохил шуда, соли 2009 ДДБ ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст.

Аз моҳи сентябри соли 2011 ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва аз моҳи октябри соли 2019 то имрӯз ба ҳайси мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расидааст (Протоколи №11 аз 25.06.2019).

**Роҳбари илмӣ: Салимӣ Носирҷон Юсуфзода -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқarrизони расмӣ:**

- **Абдусатторов Абдушукур** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович** - номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии АМИ Тоҷикистон.
- **Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров.

**Дар тақризи муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров омадааст, ки диссертатсияи номзадии Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи “Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ” таҳқиқоти муҳим маҳсуб ёфта, ба яке аз муҳимтарин мавзӯъ - баррасии сохторшиносӣ ва поэтикаи қасоиди Сайфиддини Исфарангӣ бахшида шудааст. Таваҷҷуҳи диссертант ба ин мавзӯъ дар шароити кунунии таърихӣ аз ҳар ҷиҳат муҳим ба назар мерасад. Диссертант роҷеъ ба “Девон”-и Сайфи Исфарангӣ, миқдори абёт, анвои ашъори таркиби он, нусхаҳои хаттии мавҷуд дар китобхонаҳои олам ва арзишу аҳамияти девони таҳсеҳнамудаи муҳаққиқи покистонӣ Зубайда Сиддиқӣ ва нашри охири дар Тоҷикистон анҷомёфта, ки дар асоси ҳамин нашри покистонӣ сурат гирифтааст, мулоҳизаҳои хешро баён доштааст. Ба таври алоҳида, ӯ роҷеъ ба ҳамаи намунаҳои ашъори таркиби “Девон”, аз ҷумла, қасида, қитъа, ғазал, рубоӣ ва таркиббанду тарҷеъбанд ва шумораи умумии абёти ин анвои ашъор маълумот додааст, ки ин шеваи баррасии ӯ аз аҳамияти шоёни илмӣ бархурдор аст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар рисола камбудиву норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, ки рафъи онҳо ба салоҳи кори диссертант буда, ҷиҳати афзудани арзиши илмиву амалии он мусоидат мекунад.

1. Рисола “Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ” унвон гирифтааст. Агар диссертант номи диссертатсияро танҳо “Поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ” ҳам мегузошт, ба мухтавои он мутобиқат менамуд.

2. Қисмати дараҷаи омӯхташавии мавзӯъ ҳарчанд таҳлилу баррасии тадқиқоти зиёдеро фаро гирифтааст, аммо ба назар мерасад, ки он боз ҳам такмил мехоҳад.

3. Дар оғози боби дуюми диссертатсия диссертант ба масъалаи таҳқиқу баррасии жанри қасида дар адабиётшиносии тоҷик ва ишороти адабпажӯҳон ба вежагиҳои қасоиди руҷӯъ кардааст. Беҳтар мебуд, ки ин бахши кӯтоҳи аввали боби мазкур ба қисмати дараҷаи омӯхташавии муқаддима интиқол дода шавад.

4. Ба назари мо, агар диссертант боби сеюми диссертатсияро ба ҷои “Мазмунсозӣ ва маъниофарӣ дар қасоиди Сайфи Исфарангӣ”, “Поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ” унвон мениҳод, мувофиқи мақсад мебуд.

5. Дар диссертатсия ҷо–ҷо ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори диссертант аст.

Диссертатсияи Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи “Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. - Адабиёти тоҷик таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он Раҳматова Озодахон Анварҷоновна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик мебошад.

Диссертант 8 мақола ба табъ расонидааст, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, чунин аст:

1. Раҳматова О. Мазмунсозӣ ва маъниофаринӣ дар қасоиди Сайфи Исфарангӣ (Мастерство создания художественной мысли в касыдах (оды) Сайфа Исфарангӣ) / Раҳматова О./ Номаи донишгоҳ.- Хуҷанд, "Нури маърифат" . 2017, №2(51) - с.132 - 138.

2. Раҳматова О. Тасвири табиат дар тағаззулоти қасоиди Сайфи Исфарангӣ (Отображение природы в касыдах Сайфа Исфарангӣ) /О. Раҳматова/ Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2017, №4/4, с.283 - 285.

3. Раҳматова О. Қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ва маҳорати маъниофарии шоир дар онҳо. Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Душанбе. 2018 №1(73), с.178 - 185.

4. Раҳматова О. Мавқеи қасида дар эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ (Место касыды (оды) в творчестве Сайфи Исфарангӣ) / О. Рахматова // Известия АН Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2015, - №4(240). с. 161 - 165.

5. Раҳматова О. Сохти қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ ( Структура касидов Сайфи Исфарангӣ) / О. Рахматова // Известия АН Республики Таджикистан. – Душанбе: Дониш, 2016, - №2(242). с. 155 - 162.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

**Холиқова Зайналбӣ** - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ.

Тақриз мусбат буда, дар он зикр мешавад, ки мавзӯи диссертатсияи номзадии Озодахон Раҳматова муҳим ва хеле қобили таваҷҷуҳ аст.

Дар диссертатсия 144 сарчашма ва асару мақолаҳои илмӣ мавриди истифодаи муҳаққиқ қарор гирифтааст, ки номгӯи ҳамаи онҳо дар охири рисола оварда шудаанд.

Бо вуҷуди ин, дар дисертатсия баъзе камбудиҳо ва нуқсонҳо ба назар мерасанд:

1. Зерфасли якуми боби сеюми диссертатсия "Шеъру шоирӣ аз нигоҳи Сайфи Исфарангӣ ва афкори адабӣ-танқидии ӯ" ба охири боби якум ҳамроҳ карда мешуд, хубтар мебуд.

2. Дар диссертатсия баъзе хатоҳои китобатӣ ва имлоӣ ҷой доранд.

3. Дар бахши сарчашмаи таҳқиқ аз чанд нусхаи қаламии "Девон"-и Сайфи Исфарангӣ зикр мешавад, лекин дар матни диссертатсия дар бораи ин нусхаҳо маълумоти пурра дода нашудааст.

**Таиба Бобоева** - номзадҳои илми филологӣ, мудири кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносии ДПДТТХ ба номи академик М.Осимӣ.

Тақриз асосан мусбат буда,  баробари муҳассаноташ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар бахши сарчашмаи таҳқиқ аз чанд нусхаи қаламии "Девон"-и шоир ёд мешавад, вале дар матни диссертатсия дар бораи ин нусхаҳо маълумоти кофӣ дода нашудааст.

2. Дар фасли аввали боби якуми диссертатсия муаллиф бештар ба иттилооти умумие, ки дар китобҳои таърихи адабиёт омадаанд, такя мекунад ва саҳми худро дар баёни мавзӯъ мушаххас накардааст.

**Додихудоев Раҷабалӣ** - номзади илмҳои филологӣ, сардори маркази такмили ихтисоси МД" Китобхонаи миллии Тоҷикистон".

Тақриз мусбат буда, зикр шудааст, ки аҳамияти амалӣ ва назарии диссертатсияи пешниҳодшуда барои илмҳои адабиётшиносии тоҷик кам нест ва инро аз хулосаҳои илмии кор дарк карда метавонем. Маводи зиёди илмие, ки дар диссертатсия истифода шудааст, аз камолоти илмии муаллифи кор маълумот медиҳад. Бо вуҷуди ин, дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ҷой доранд:

1. Дар зерфасли аввали боби дуюми диссертатсия, ки "Мадҳи мамдӯҳон" унвон дорад, дар бораи мамдӯҳон маълумот додааст, вале солҳои ҳукмронии ҳар як аз мамдӯҳонро баён накардааст.

2. Зиндагинома ва эҷодиёти Сайфиддини Исфарангиро дар як боб ҷой додан лозим нест.

3. Ному лақаби мамдӯҳонро шоир дар қасидаҳо дар шакли Шамси дин, Фахри мулк ва ғайра (яъне Шамсиддин, Фахрулмулк) кор фармудааст, ки ҷудо навиштан беҳтар аст.

**Алии Муҳаммадӣ** - номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттии Маркази мероси хаттии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Диссертатсияи Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи «Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ» саривақтӣ буда, бахусус дар баррасии қасидаҳои шоир нақши муассир дорад.

Дар фишурдаи диссертатсия баробари муваффақиятҳои назаррас баъзе иштибоҳҳои техникӣ дида мешавад. Дугунанависӣ ҷой дорад, монанди «…адабиёти тоҷикии форсӣ» (саҳ.3;5) ва «…адабиёти тоҷику форс» (саҳ.3). Ҷумлаи «Санъати талмеҳоти дар мазмунсозию маъниофарии шоир мавқеи вижа касб кардаанд» (саҳ.22) таҳрир мехоҳад, ба таври зайл: «Санъати талмеҳ дар мазмунсозию маъниофарии шоир мавқеи вижа дорад».

**Мирсаидов Баҳром** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Т. Асирӣ.

Тақриз мусбат арзёбӣ шуда дар он таъкид мешавад, ки рисолаи номзадии Раҳматова Озодахон намунаи хуби таҳқиқоти илмӣ перомуни рӯзгору осори Сайфи Исфарангӣ буда, аз камоли эъҷозу соҳибҳунарии ӯ иттилоъ медиҳад. Диссертант чанд равиши таҳқиқ, монанди усули муқоисавӣ, муқоисавӣ–таърихӣ, равиши тасвирию сохторӣ ва омориро интихоб намуда, манзараи умумии поэтикаи қасоиди шоирро пешорӯи аҳли илм ниҳодааст.

Хулосаи фишурдаи диссертатсия бозгӯи мулоҳизоти амиқу дақиқи диссертант буда, маҷмӯан, аз анҷоми таҳқиқоти тоза дар адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик ба шумор меравад.

Дар канори муваффақиятҳои номбаршуда, чанд камбудии ҷузъӣ низ мушоҳида мешавад:

1. Дар фишурда гоҳо заъфи таълиф ба мушоҳида мерасад, ки яке аз онҳо корбурди таркиби изофии пайдарпай мебошад.
2. Дар фишурда рӯйхати сарчашмаҳои истифодашуда вуҷуд надорад.
3. Муаллиф зимни таълифи фишурда ба ғалатҳои имлоӣ роҳ додааст.

Муқарризони расмӣ дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳимии ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни диссертантро низ таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони варзида дар соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф карданд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои бонуфузи илмҳои соҳаи филологӣ дар ҷумҳурӣ ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили

умдаи адабиётшиносӣ, бахусус дар муайян намудани мақом ва вижагиҳои зиндагиномаи чеҳраҳои адабӣ, баррасии анвои шеърии онҳо, дар маҷмӯъ, таърихи адабиёт хеле маъруф гардидааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки муҳаққиқ дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон оид ба рӯзгор ва мероси Сайфи Исфарангӣ ва дигар масоили вобаста ба мавзӯъро ба таври дақиқ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

**Арзиши назариявии таҳқиқот.** Диссертатсия барои равшанӣ андохтан ба баъзе ҷанбаҳои яке аз масъалаҳои кам тадқиқшудаи адабиёти классикии форсу тоҷик, яъне таҳаввули жанри қасида, дар мисоли қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ роҳро ҳамвор хоҳад кард. Ҳамчунон, ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷикии форсӣ барои мактабиён ва донишҷӯён, бахусус таърих ва хусусиятҳои жанри қасида аз маводи диссертатсия метавон истифода кард.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Маводи диссертатсия дар таҳқиқи ҷомеи адабиёти нимаи аввали асри XIII, таъйиди рӯзгору осори Сайфи Исфарангӣ, таълифи корҳои курсӣ ва дипломӣ дар макотиби олӣ, курсҳои махсуси омӯзишӣ дар шинохти ҳамаҷонибаи ҳаёту эҷодиёти шоир, бахусус қасоиди ӯ, ки дар эҷодиёташ мақоми аввалиндараҷа доранд, метавонад хидмат кунад.

**Саҳми фардии муҳаққиқ** дар он зуҳур меёбад, ки мавқеи қасидаҳои мадҳӣ дар эҷодиёти Сайфи Исфарангӣ ба таври зарурӣ омӯхта нашуда буд ва бо дарназардошти вазъи адабиёти классикии форсу тоҷик дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ анҷом дода шудааст. Дар диссертатсия бори нахуст таҳлил ва таҳқиқи поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ рӯзи 17 сентябри соли 2020 дар бораи ба Раҳматова Озодахон Анварҷоновна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. -Адабиёти тоҷик қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, 16 нафар иштирок дошт, ки аз ин 7 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.– Адабиёти тоҷик мебошанд, дар ҷаласа иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест «баргаҳои беэътибор» - нест

Баромади Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи “Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. -Адабиёти тоҷик,

тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Абдусатторов Абдушукур ва номзади илмҳои филологӣ, дотсент Муҳаммадиев Шамсиддин ва тақризҳо ба автореферaтро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант

**қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дар мавзӯи "Сохт, мавзӯъҳо ва поэтикаи қасидаҳои Сайфи Исфарангӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. - Адабиёти тоҷик ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Мақолаҳои илмии чопкардаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 –Адабиёти тоҷик дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Раҳматова Озодахон Анварҷоновна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. -Адабиёти тоҷикро диҳад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Худойдодов А. О.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Мирзоалиева А. Ш.

17 сентябри соли 2020.